**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи Сангов Бобохон Чиллаевич дар мавзӯи "Ҷанбаҳои муосири сирояти урогениталии хламидиявӣ дар мардони муҳоҷири меҳнатӣ (гурӯҳи хатари баланд)", ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ пешниҳод карда шудааст.**

**Аҳамияти таҳқиқот.** Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ки дар байни онҳо хламидиози урогениталӣ паҳншудатарин аст, аз сабаби душвории табобат яке аз масъалаҳои муҳимтарини дерматовенерология мебошад. Дар Тоҷикистон таҳқиқоти амиқ оид ба ХУГ гузаронида нашудааст. Мазмуни автореферати Сангов Б.Ч. аз он шаҳодат медиҳад, ки дар рисолаи мазкур унвонҷӯ паҳншавӣ, омилҳои хатари зуҳурот, баъзе ҷанбаҳои патогенез, хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ, ихтилоли иммунологиро ошкор намуда, усули нави мукаммалу самарабахши табобати хламидиози урогениталиро дар мардони гурӯҳи хатари баланд таҳия кардааст.

**Мақсади** омӯзиш равшан баён шудааст. Барои ноил шудан ба он вазифаҳои ба мавзӯи тадқиқот дахлдор муайян ва пайдарпай ҳаллу фасл карда шудаанд.

Унвонҷӯ 90 нафар беморони гирифтори ХУГ-ро бо истифодаи усулҳои иттилооти таҳқиқот ташхис кардааст.

**Нововарии илмии тадқиқот.** Унвонҷӯ нахустин шуда дарёфт кард, ки мардони гирифтори хламидияи урогениталии музмини такрорӣ ва шиддатёфта дорои ихтилоли иммунологӣ мебошанд, ки дар номутобиқатии ситокинҳои тоилтиҳобӣ ва зиддиилтиҳобӣ дар заминаи фурӯ нишастани ҳам масунияти умумӣ ва ҳам маҳаллӣ ошкор карда мешаванд. Ихтилоли иммунологӣ бештар дар бемороне, ки

муддати зиёд ба он гирифторанд, инчунин гирифтори сирояти омехта мебошанд, бештар зоҳир мешавад.

**Аҳамияти амалӣ.** Усули табобати беморони гирифтори ХУГ, ки онро муаллиф таҳия кардааст, аз ҷониби духтурони дар муассисаҳои тибби пӯсту зӯҳравӣ ва урологии ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар амалияи табибони Маркази шаҳрии бемориҳои пӯст ва зӯҳравии шаҳри Душанбе истифода бурда мешавад. Барои муайян кардани вазнинии ҷараёни ХУГ рӯйхати тадқиқоти дастраси аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида истифода мешавад.

Теъдоди кофии мушоҳидаҳои клиникӣ, истифодаи санҷишҳои муосири озмоишгоҳӣ ва коркарди дақиқи оморӣ аз эътимоднокии натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ мазмуни рисоларо ба таври дақиқ ва равшан инъикос мекунанд.

Хулоса, бо муҳимият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқот ва аҳамияти амалии натиҷаҳо, кори пешниҳодшуда ба талаботи "Низомномаи намунавӣ дар шӯроҳои диссертатсионӣ" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ карда шудааст, ки барои рисолаҳои номзадии илм аз рӯи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии пешниҳодгардида мебошад.

**Сардухтури Маркази шаҳрии**
**бемориҳои пӯсту зӯҳравии ш. Душанбе,**
**номзади илмҳои тиб** **К.М. Бухоризода**

Имзои К.М. Бухоризодаро тасдиқ мекунам
**Нозири кадрҳои МШБПЗ** **П.Р. Қосимова**

ШӮЪБАИ КАДРҲО